**Дастурамали**
**мансабии сардори шуъбаи назорати Хадамоти**
**иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Номи мансаб - сардори шуъбаи назорати Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ.

2) Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи сеюм мансуб аст.

3) Сардори шуъбаи назорати Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ (минъбад сардори шуъба) аз тарафи сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ (минбаъд сардори Хадамот) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва озод карда мешавад.

4) Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори Хадамот тобеъ ва ҳисобдиҳанда мебошад.

5) Ба сардори шуъба, сармутахассисон (2-нафар), мутахассиси пешбар (2-нафар) ва мутахассиси шуъба (1-нафар), ҷамъ 5 нафар тобеъ ва ҳисобдиҳанда мебошад.

6) Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори шуъба, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба яке аз сармутахассиси шуъба вогузор карда мешавад, ки инро сардори шуъба ва сардори Хадамот муайян менамоянд.

7) Сардори шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории Хадамот ва сохторҳои Кумита ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботҳои тахассусӣ

8) Барои мансаби сардори шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии муҳандисӣ - сохтмонӣ;

-4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сардори шуъбаро ба танзим медароранд;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ба нақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-кор карда тавонистан бо компютер.

## 3. Ухдадориҳои мансабии сардори шуъба

9) Роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти кормандони шуъбаро анҷом медиҳад.

10) Интизоми иҷроияро дар шуъба назорат менамояд.

11) Маводҳои воридшударо ба кормандони шуъба барои иҷро месупорад, рафти ичрои онҳоро ташкил ва назорат менамояд;

12) Ба кормандони шуъба дар доираи ваколатҳои шуъба супоришҳо медиҳад, иҷрои саривақтии онҳоро назорат менамояд.

13) Нақшаҳои кори шуъбаро таҳия ва тасдиқ намуда, иҷрои онро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

14) Иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдоштаро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

15) Лоиҳаи дастурамалҳои мансабии кормандони шуъбаро таҳия, мувофиқа ва якҷоя бо роҳбари хадамоти кадрӣ ба тасдиқи сардори Хадамот пешниҳод менамояд.

16) Сардори шуъба фаъолияти худро баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, саломатии шаҳрвандон, мудофиа ва амнияти давлатӣ, дар асоси принсипҳои асосии иҷозатномадиҳӣ ба роҳ монда:

-Ташкили гузаронидани омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва маводҳои пешниҳодгардидаи иҷозатномадорон;

-Ташкили санҷиш ва назорати риояи шарту талаботҳои иҷозатномадиҳӣ дар фаъолияти иҷозатномадорон;

-Риоя намудани маҳрамияти ахборот оид ба фаъолияти довталаби иҷозатнома ё иҷозатномадор;

17) Мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи кормандонро қабул намуда, нақшаи кори нимсолаи (солонаи) хизматчии давлатиро тартиб дода, барои гузоштани баҳо варақаи баҳогузории фаъолияти хизматчии давлатиро хонапурӣ карда, ба хадамоти кадрии Хадамоти иҷозатномадиҳӣ пешниҳод менамояд.

18) Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Хадамот иштирок менамояд.

19) Шаҳрвандонро қабул намуда, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамояд.

20) Фаъолияти ҳамоҳангсозиро бо мақомоти зерин ба роҳ мемонад:

-Дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои тобеъии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

21) Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва шуъба ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

22) Ба фаъолияти кормандони шуъба барои содир нагардидани амалҳои коррупсионӣ назорат менамояд.

23) Дар чаҳорчубаи қонунҳои амалкунанда дигар супоришҳои сардори Хадамоти иҷозатномадиҳиро иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои сардори шуъба

24) Сардори шуъба ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти шуъба дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

-дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

-маводҳои дар ихтиёри Хадамоти иҷозатномадиҳӣ қарор доштаро омӯзад;

-бо тартиби муқарраргардида иҷрои масъалаҳои таҳти назорати шуъба қарордоштаро аз мақомоти дахлдор ва ё шахсони мансабдор талаб намояд;

-бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро талаб карда гирад;

-барои бартараф намудани камбудихои фаъолияти воҳидҳои сохтории Хадамоти иҷозатномадиҳӣ оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таклиф пешниҳод намояд;

-ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳоро, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, ташкил ва гузаронад;

-барои мукаммал намудани самти кор дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти шуъба ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳӣ таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи ҳавасмандгардонии кормандони шуъба, ки ба комёбиҳои меҳнатӣ ноил гаштаанд, ба хадамоти кадрии Хадамоти иҷозатномадиҳӣ таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони шуъба ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳӣ гузориш пешниҳод намояд;

-шуъбаро дар муносибат бо дигар воҳидҳои сохтории Хадамоти иҷозатномадиҳӣ намояндагӣ кунад.

25) Сардори шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти сардори шуъба

26) Сардори шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

-мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;

-барои ошкор намудани сирри хизмати давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;-

барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросимҳо;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои саривақт ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани вазифаҳои шуъба, риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби кормандони шуъба;

-барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволи хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

27) Сардори шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

28) Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сардори шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

29) Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ухдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сардори шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.